آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

14 январи соли 2023 Шанбе № 4 (14912)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ СУПУРДА ШУДАНД

**Мувофиқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 12 январ ба муносибати 31-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакатамон ва Рӯзи муҳофизони Ватан як гурӯҳ хидматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо унвонҳои ҳарбӣ, ордену медалҳо мукофотонида шуда буданд.**

13 январ дар Маъмурияти Президент маросими супоридани ин ҷоизаҳои олӣ баргузор шуд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Шавкат Мирзиёев тамоми хидматчиёни ҳарбӣ ва собиқадоронро бо ҷашн табрик кард.

– Иқтидори ҳарбии кишварро на танҳо аслиҳа ва техникаи муосири ҳарбӣ, балки мардонагӣ, омодагии ҷисмонӣ ва маънавии сарбозону афсарон низ муайян мекунад. Аз ин лиҳоз, неруи аслии Артиши миллии мо, пеш аз ҳама, шумо – инсонҳои фидокор ҳастед, ки ҳаёти худро ба кори муқаддаси ҳифзи Ватан бахшидаед, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар кишвари мо армияи замонавӣ, ихчам ва сайёри иқтидори ҳарбиаш баланд бунёд ёфтааст. Авлоди нав, муносиби Қувваҳои Мусаллаҳи Ӯзбекистон ташаккул ёфт. Фояи халқ ва армия бояд муттафиқ бошад, ки бо ташаббуси Президент ба миён гузошта шудааст, тасдиқ ёфт. Хизмат дар артиш ба касби бонуфуз, ба соҳае табдил ёфтааст, ки аксари ҷавонон орзуи дохил шуданро доранд.

Сарвари давлатамон таъкид кард, ки дар бунёди артиши пурқуввати имрӯза ҳазорон ва ҳазорон нафар фидокорон саҳми бузург доранд.

– Дар асоси тамоми ислоҳоти мо мақсади нақиб «қадр кардани инсон» меистад, – гуфт Президент. – Ин пеш аз ҳама маънои таъмини зиндагии осудаву осоишта барои ҳар як шаҳрванд, ҳар як оила, маҳалла ва умуман кишварро дорад. То ки ба қадри инсон расид, пеш аз ҳама, осмони мо софу беғубор, марзҳои мо дахлнопазиру устувор бошад. Имрӯз шумо ин вазифаро бошарафона иҷро мекунед.

Дар маросими тантанавӣ Сарвари давлат шаҳодатномаҳои унвонҳои ҳарбӣ, ордену медалҳоро супурд. Ӯ ба муҳофизони Ватан сиҳатии мустаҳкам ва дар хизмати бошарафашон муваффақият орзу намуд.

Маросими имсолаи ботантана бо як хусусияти намоён дар хотир мемонад. Маълумки, ниёи мо Амир Темур дар ягон ҷанг мағлуб нашудааст, парчами Соҳибқирон ҳамеша дар майдони набард баланд барафрохта шудааст. Ин парчам барои наслҳои имрӯза рамзи азму ирода, шуҷоат, ифтихор ва шараф аст.

Аз ин рӯ, бо ташаббуси Сарвари давлат озмуни артиши «Барои парчами ҷангии Амир Темур» таъсис дода шуд, ки имсол ғолиби он Округи марказии ҳарбӣ гардид.

Дар ин маросим ба фармондеҳи округ бо тантана “Байрақи ҷангии Амир Темур” супурда шуд.

– Дар муддати кӯтоҳи охир дар ин округ дар масъалаи тарбияи ҷисмонию маънавии кадрҳои низомӣ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, таҳкими заминаи таълимию моддӣ дар қисмҳои ҳарбӣ натиҷаҳои муҳим ба даст оварда шуданд. Ман чунин мешуморам, ки таҷрибаи мусбати ин округи ҳарбиро чуқур омӯхта, онро ба ҳамаи қӯшунҳо паҳн кардан лозим аст. Ҳамзамон ба ҳамаи округҳои ҳарбии мо шарафи сарфароз шудан бо байрақи зафарбахши бобои Амир Темурро таманно дорам, – гуфт Сарвари давлат.

Нотиқон аз номи мукофотонидашудагон ба роҳбари мамлакати мо барои боварӣ ва эътибори баланд миннатдорӣ изҳор карданд.

**ЎзА.**

**Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

# ТАБРИКИ ИДОНА БА МУНОСИБАТИ 31-УМИН СОЛГАРДИ ТАЪСИСИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ВА РӮЗИ МУҲОФИЗОНИ ВАТАН

*Муҳтарам сарбозон ва сержантҳо, афсарон ва генералҳо!*

*Хидматчиён ва собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳ!*

*Ҳамватанони азиз!*

*Шумо ва дар шахси шумо тамоми мардуми бисёрмиллатамонро ба муносибати 31-умин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Рӯзи муҳофизони Ватан самимона табрик менамоям.*

*Дар чунин рӯзи хушнудкунанда ба ҳамааатон, ки ҳаётро ба кори бузурги ҳимояи Ватан бахшидаед, эҳтиромиамиқамро изҳор менамоям.*

*Халқи шуҷоатнок ва шарафмандамон воқеан бо писарони шуҷоъ – ҷанговарони далер, ба қасамёди муқаддас содиқ ва дар хушкиву фазо қарзи худро бошарафона иҷрокунанда ифтихор менамояд.*

*Дӯстони азиз!*

*Солҳои охир дар мамлакатамон дар натиҷаи ислоҳоти доманфарох нуфуз ва потенсиали армияи миллӣ ба андозаи назаррас афзуд.*

*Имрӯз низ мо тамоми асосҳоро дорем, то ки бигӯем, ки Қувваҳои Мусаллаҳи чолок ва аз ҳар ҷиҳат муҷаҳҳази Ӯзбекистон қодир аст бехатарӣ ва суботи мамлакат, дахлнопазирии сарҳадоти онро таъмин намояд.*

*Дар шароити мураккаби кунунӣ дар ҷаҳон, ҳамаи мо, бешубҳа, амиқ дарк менамоем, ки таъмини ҳимояи боэътимоди истиқлолият ва озодии Ватан, якпорчагии онро таъмин намудан, чун гавҳараки чашм ҳифз кардани боигарии аз ҳама муҳимамон – сулҳ ва осудагӣ дар ҷамъият то чӣ андоза зарур аст.*

*Маҳз аз ин хотир яке аз самтҳои афзалиятноки Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав дар солҳои 2022-2026-ро мо минбаъд мустаҳкам намудани потенсиали мудофиавии мамлакат ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳ муайян намудаем.*

*Бинобар ин чорабиниҳои мушаххасро доир ба татбиқи идораи оперативии Қувваҳои Мусаллаҳ, бо силоҳ ва техникаи навтарин муҷаҳҳаз намудан ва ҳамчунин такомули омодагии маънавиву психологӣ ва баланд бардоштани рӯҳи ҷангии хидматчиёни ҳарбӣ андешидем.*

*Соли гузашта дар қисмҳои ҳарбӣ бори нахуст мусобиқоти **«Барои байрақи ҷангии Амир Темур»** баргузор гардиданд. Онҳо дар беҳсозии омодагии ҳарбии қӯшунҳо, мустаҳкам намудани анъанаҳои ҷангӣ, тарбияи муҳофизони бошуҷоат, далер, аз ҷиҳати зеҳнӣ ва ҷисмонӣ рушднамудаи муҳофизони Ватан, муносибҳои шаъни гузаштагони бузургамон аҳамияти бузурго моликанд.*

*Ҳоло намояндагони Қувваҳои Мусаллаҳамон дар бисёр мусобиқаҳои бонуфузи ҳарбии байналхалқӣ ҷойҳои ҷоизадорро ишғол менамоянд. Ҳамаи моро, бешубҳа, он чиз хушнуд менамояд, ки чандин сол боз паиҳам хидматчиёни ҳарбии Ӯзбекистон дар Бозиҳои байналхалқии артишӣ, дар «Патрули Кембрий» ва дигар мусобиқоти калони ҳарбиву варзишӣ муваффақиятҳои назаррасро ба даст меоранд.*

*Ба кори бонизом, дар асоси арзишҳои баланди маънавиву ахлоқӣ, дар тарбияи ҳарбиву ватанпарварии ҷавонон эътибори алоҳида нигаронда мешавад. Бояд таъкид кард, ки ҳаракати бачагону наврасони соли гузашта ташкилнамудаамон «Ватан таянчи», гурӯҳҳои он дар мактабҳои таълимоти ҳамагонии мамлакат, ки беш аз 20 ҳазор хонандаро фаро мегирад, дар насли наврас мустаҳкам намудани муҳаббат ва садоқат ба Ватан саҳми муносиб мегузорад.*

*Ба ҳимояи иҷтимоии оилаҳои хидматчиёни ҳарбӣ ва собиқадорони соҳа аҳамияти муҳим дода мешавад. Фақат дар як соли охир беш аз 3 ҳазор хидматчии ҳарбӣ бо манзил таъмин гардида, қариб 2 ҳазор ҷавонон ва духтарон аз хонаводаҳои муҳофизони Ватан барои дохил шудан ба муассисаҳои таълими олӣ роҳхати имтиёзнокро дарёфт намуда, беш аз 4 ҳазор ҳамсари хидматчиёни ҳарбӣ соҳиби касб гардида, бо ҷойи кор таъмин гардиданд, инчунин шуғли 1250 нафақигири ҳарбӣ таъмин карда шуд.*

*Ҳамватанони азиз!*

*Имрӯз дар тамоми ҷаҳон, инчунин дар минтақаамон, дар наздикии сарҳадҳоямон, ҳар гуна ангезаву таҳдид зиёд мегардад.*

*Тавре ки таҳлили рӯйдодҳои муноқишаҳои мусаллаҳи молики хусусияти гибриди ҷаҳон нишон медиҳад, худи вақт баланд бардоштани қудрати ҷангии армияи миллиамонро тақозо менамояд, то ки дар сурати ногузирӣ он муносиб ба қуввахое муқовимат карда тавонад, ки яроқҳои намуди нави қаблан истифоданагардидаро ба кор меандозанд.*

*Дар чунин шароит мо пеш аз ҳама бояд коркард ва татбиқи чорабиниҳои маҷмӯиро доир ба азхуд намудани шакл ва усулҳои босамари бурдани ҳаракатҳои ҷангӣ, ба вуҷуд овардан ва рушди низоми ягонаи автоматиконидаи идораи Қувваҳои Мусаллаҳро тезонем.*

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

# ҚАРЗИ МУҚАДДАСИ МО ДАР НАЗДИ ТАЪРИХ ВА НАСЛҲОИ ОЯНДА

**Дар Маркази миллии идораи мудофиа 13 январ зери раисии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳ Шавкат Мирзиёев ҷамъомади васеи Шӯрои бехатарӣ ба вуқӯъ пайваст.**

Дар он аъзои Шӯрои бехатарӣ, ҳайати қумондонии Қувваҳои Мусаллаҳ, роҳбарони секторҳои ҳарбиву маъмурӣ, намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ширкат намуданд.

Дар ҷамъомад корҳое, ки дар соли 2023 чиҳати мустаҳкам намудани иқтидори мудофиа ва бехатарии мамлакатамон анҷом дода шудааанд, таҳлил гардиданд.

Таъкид шуд, ки соли гузашта такомули низоми идораи Қувваҳои Мусаллаҳ, баланд бардоштани омодагӣ ва тарбияи маънавии қӯшунҳо, муҷаҳҳазсозии қисмҳо бо силоҳи замонавӣ ва техникаи ҳарбӣ идома дода шуд.

Низомҳои иттилоотиву коммуникатсионии тамоми ниҳодҳои қудратӣ муттасил ба ҷараёни идоракунии Қувваҳои Мусаллаҳ вобаста карда мешаванд. Чорабиниҳо оид ба такмили низоми ҳифз ва ҳимояи Сарҳади давлатӣ, таъмини бехатарии ҷамъиятӣ мунтазам татбиқ мегардад. Таҷрибаи мусбати артишҳои хориҷӣ ба мақомоти идораи Қувваҳои Мусаллаҳ ва низоми омодагии муштараки қӯшунҳо татбиқ карда мешавад.

Татбиқи принсипи «Халқ ва армия – ягона» натиҷа мебахшад. Дар натиҷаи кори босамари секторҳои ҳарбиву маъмурӣ инфрасохтори шаҳракҳои ҳарбӣ комилан нав карда шуда, полигонҳои нав сохта шуданд.

Инчунин ҳимояи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии хидматчиёни ҳарбӣ пурзӯр карда шуд. Соли гузашта беш аз 3 ҳазор оилаи ҳарбиён бо манзил таъмин гардиданд. Бо мақсади рағбатноксозии занони ҳарбӣ нишони «Тумарис» таъсис дода шуд. Фарзандони ҳарбиён ба муассисаҳои таълими олӣ бо имтиёз дохил гардиданд, ҳамсарони хидматчиёни ҳарбӣ ва нафақагирони ҳарбӣ бо кор таъмин гардиданд.

Дар ҷамъомад инчунин масъалаҳои муҳими соҳа баррасӣ гардиданд.

Дар шароити шадиди имрӯзаи геосиёсии муқовиматҳо мушкилот дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, бехатарии иттилоотӣ ва ғайра тезутунд мегардад. Вазъияти мураккаби байналхалқӣ, афзудани таҳдид ва хатарҳо ба бехатарӣ дар Осиёи Марказӣ низ ба мушоҳида мерасад.

– Мо бояд ҳамаи ин вазъиятро ба инобат бигирем, то ки сарвати муҳимтаринамон – ҳаёти осударо ҳифз кунем, фараҳмандии халқамонро таъмин намоем ва нақшаҳои оянда-амонро муайян созем, – гуфт Шавкат Мирзиёев. – Дар ҳар гуна вазъият мо соҳибихтиёрии давлатӣ, дахлнопазирии сарҳад ва якпорчагии арзи Ӯзбекистонро таъмин намоем. Ин қарз ва вазифаи муқаддаси мо дар назди таъриҳ ва наслҳои оянда аст.

Бинобар ин вазифаҳои афзалиятноки зерин муайян карда шуданд.

Таъкид шуд, ки пеш аз ҳама бояд рақамисозии Қувваҳои Мусаллаҳро тезонд, тамоми захираҳои иттилоотии вазорат ва идораҳои соҳаро ба фазои ягонаи иттилоотии ҳифзгардида муттаҳид намуд.

Дар бобати такомули барномаи таълими ҳарбӣ бо назардошти таҷрибаи пешқадам, баланд бардоштани малакаи омӯзгорон, ба вуҷуд овардани Мактаби муҳандисони ҳарбӣ супоришҳо дода шуд.

Вазифа гузошта шуд, ки низоми ташкили омодагии сафарбарсозӣ ва муҳофизати ҳудудии мамлакат куллан таҷдиди назар гардад. Ба ногузирии такомули сабаки таркиби қумондонӣ оид ба идораи қӯшунҳо ва корбурди воситаҳо ишора гардид.

Дар заминаи пурзӯрсозии омодагии рӯҳиву ахлоқӣ ва ҷангии хидматчиёни ҳарбӣ, тарбияи ҳисси ватанпарварӣ дар ҷавонон тавсияҳо дода шуд.

– Мо набояд аз берун қувва бичӯем. Мо таъриҳи пуршараф, мероси ғании илмӣ ва мадании худро дорем, онҳо ва ҳамчунин ҳаёт ва фаъолияти ниёгонамон бароямон намунаи ҳақиқӣ ба шумор меравад, – гуфт роҳбари давлат.

Таҳлили низоъҳои ҳарбии молики хусусияти гибридии ҷаҳон баланд бардоштани имконоти ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳамонро тақозо дорад. Аз ин рӯ, аҳамияти таъмини армияи миллӣ бо техникаи замонавӣ, аз он ҷумла тараққиёти авиатсияи ҳарбӣ ва низоми ҳимояи зиддиҳавоӣ таъкид гардид.

Масъалаҳои ҳимояи иҷтимоии хидматчиёни ҳарбӣ ва аъзои хонаводаи онҳо ба миён гузошта шуд. Доир ба сохтмони иморатҳои бисёрҳуҷра дар асоси ипотека, ба тартиб андохтани таъмини нафақаи хидматчиёни ҳарбӣ, беҳсозии шароити муассисаҳои ҳарбию табобатӣ супоришҳо дода шуд.

Дар ҷамъомад аъзои Шӯрои бехатарӣ, роҳбарони секторҳои ҳарбиву маъмурӣ баромад карданд. Чорабиниҳо доир ба минбаъд мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии мамлакатамон муайян гардиданд.

Дар хотимаи нутқи худ Президент тамоми хидматчиёни ҳарбӣ ва халқи мамлакатро ба муносибати 31-умин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Рӯзи муҳофизони Ватан табрик намуд.

Сипас Президент Шавкат Мирзиёев аз Госпитали марказии ҳарбии клиникии Вазорати мудофиа боздид намуд.

Бино ва усулҳои кори госпитал ба таҷдиди ҷиддӣ эҳтиёҷ дошт. Бо назардошти ҳамин дар ҷараёни боздид аз беморхона соли 2018 роҳбари давлат реконструксия ва муҷаҳҳазсозии замонавии онро супориш дода буд. Дар давраи гузашта дар ин ҷо кори доманфарохи сохтмону таъмир ба анҷом расонда шуд. Таҷҳизоти тиббӣ такомул дода шуд. Дар идора намудани госпитал менеҷменти клиникӣ ҷорӣ гардид.

Дар ин ҷо 700 кат вуҷуд дошта, госпитал барои хидматчиёни ҳарбӣ, аъзои хонаводаи онҳо, собиқадорон бепул хизмат мерасонад. Хидмати пулакӣ барои дигар тоифаи беморон низ вуҷуд дорад. 286 намуди муоина, беш аз 600 тартиби табобат роҳандозӣ гардида, қариб 30 шуъбаи махсус ташкил гаштааст.

Аз он ҷумла, барои шуъбаҳои ҷарроҳӣ бинои ҳаштошёнаи нав сохта шуд. Роҳбари давлат бо шароити он шинос гардид. Таъкид шуд, ки чунин клиникаҳо дар минтақаҳо низ бояд ба вуҷуд оварда шавад. Дар бобати табобати тоифаи одамони ғайриҳарбӣ, аз он ҷумла варзишгарон ва занон тавсияҳо дода шуд.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

# ТАБРИКИ ИДОНА БА МУНОСИБАТИ 31-УМИН СОЛГАРДИ ТАЪСИСИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ВА РӮЗИ МУҲОФИЗОНИ ВАТАН

(Аввалаш дар саҳ.1).

*Мучаҳҳазсозии оперативии ҳудудҳои минтақаи мамлакатро бояд таъмин намуд, низоми мудофиа ва муҳофизати шаҳрвандиро дар маҳалҳо такмил дода, инчунин дараҷаи омодагии тамоми субъектҳои мақомоти давлатиро барои бартарафсозии оқибатҳои вазъиятҳои фавқулодда баланд бардорем.*

*Яке аз самтҳои бартаринокі фаъолиятамон рушди бонизоми саноати мудофиавӣ ва инчунин такомули маҷмӯаҳои дастгоҳҳои парвозкунандаи бидуни пилот ва автомошинҳои зиреҳпӯш ба шумор меравад.*

*Ғайр аз ин омодагии мунтазами қисмҳои ҳалқаҳои поёнӣ бо мақсади баланд бардоштани суботнокӣ ба таъсири иттилоотиву психологӣ зарур мебошад.*

*Тавре ки маълум аст, мо соли 2023-ро дар мамлакатамон Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат эълон кардем.*

*Бинобар ин ба масъалаҳои беҳсозии омодагии ҳарбӣ, дониш ва таҷриба, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ, баланд бардоштани дараҷаи касбӣ ва мадании таркиби шахсии қисмҳои ҳарбӣ эътибори калон нигаронда хоҳад шуд.*

*Бароямон минбаъд низ яке аз самтҳои бартаринок дастгирии иҷтимоии хидматчиёни ҳарбӣ, аъзои хонаводаи онҳо ва собиқадорон, беҳсозии таъминоти моддӣ ва тиббиашон, дар минтақаҳо сохтани иморатҳои иқоматии бисёрошёна ва ба хидматчиёни ҳарбӣ пешниҳод намудани кредитҳои имтиёзноки ипотекаи дарозмуддат боқӣ мемонад.*

*Дар чунин рӯзи аҷоиб махсус мехоҳам таъкид кунам:* ***потенсиали ҷангӣ ва маънавияти баланд ду сутуни иқтидорноки Қуввоҳои Мусаллаҳи Ўзбекистон бояд гардад.*** *Аҳамияти онро борҳо таъриҳи пуршаъномон, қаҳрамонии ниёгони бузургамон, сарлашкарони мағлубнопазирамон, панди ҳикматноки онҳо:* ***«Бо ниру танҳо якеро метавон мағлуб кард, бо дониш ва қалб – ҳазоронро»*** *собит менамояд.*

*Аз ин лиҳоз барои ҳамааамон такомули низоми таълими ҳарбӣ, тарбияи ҳарбиву ватанпарвории ҷавонон, дар онҳо ташаккул додани худшиносии миллӣ, садоқат ба арзишҳои миллӣ вазифаи муҳимтарин ба шумор меравад.*

*Соли гузашта бо мақсади бардоштани низоми таълими бетанаффуси ҳарбӣ ба дараҷаи стандартҳои ҷаҳонӣ қадамҳои назаррас гузошта шуданд. Академияи Қуввоҳои Мусаллаҳ ислоҳ гардида, пойгоҳи мустаҳкам барои он ки вай локомотиви илми ҳарбии мамлакат гардад, ба вуҷуд оварда шуд. Минбаъд барҳурдҳо ва усулҳои нави таълим дар муассисаҳои олии таълими ҳарбӣ низ татбиқ хоҳанд гардид.*

*Бо мақсади ҳимояи насли ҷавон аз хатарҳои имрӯз дар фазои иттилоотӣ, ташаккули иммунитети собит ба ҳар гуна идеологияҳои харобкор мо бояд якҷоя бо ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ самаранокии кори амалиро оид ба тарбияи ватанпарвории ҷавонон, хусусан қисми номуташаккили он баланд бардорем.*

*Бешубҳа, дар иҷрои ин вазифаҳо таъмини иштироки секторҳои ҳарбиву маъмурӣ ва ҷамъияти васеъ дар асоси принсипи* ***«Халқ ва армия ягона»*** *аҳамияти муҳимро молик аст.*

*Сарбозон ва сержантҳо, афсарон ва генералҳо, хидматчиён ва собиқадорони муҳтарами Қуввоҳои Мусаллаҳ!*

*Дар ин рӯзи ҷашнӣ аз номи тамоми халқамон ва шахсан аз номи худ ба ҳамаатон миннатдории амиқро барои хидмати бедареғатон ба хотири сулҳ ва бехатарии мамлакатамон изҳор менамоям.*

*Бори дигар аз таҳти дил ҳамаи шумо ва аъзои хонаводаҳоятонро ба муносибати 31-умин солгарди таъсиси Қуввоҳои Мусаллаҳ ва Рӯзи муҳофизони Ватан табрик менамоям.*

*Барои ҳамаатон тансиҳатӣ, хушбахтӣ, фараҳмандӣ ва дар хидмати бошараф ва масъулиятнокатон муваффақиятҳои бузург таманно дорам.*

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон,**
**Сарфармондеҳи Олии Қуввоҳои Мусаллаҳ.**

# ҚАРЗИ МУҚАДДАСИ МО ДАР НАЗДИ ТАЪРИХ ВА НАСЛҲОИ ОЯНДА

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ҳамкории босамари байни таълим ва таҷриба ташкил гаштааст. Қаблан омодагии духтурони ҳарбӣ танҳо дар факултаи ҳарбии тиббии Академияи тиббии Тошканд ба роҳ гузошта шуда буд. Бинобар қарори Президент аз 22 октябри соли 2020 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба ташкили низоми сифатан нави тарбияи кадрҳо дар соҳаи тиббиёти ҳарбӣ» дар пойгоҳи факулта Академияи ҳарбии тиббии Қуввоҳои Мусаллаҳ ба вуҷуд оварда шудааст.

Шоистаи зикр аст, ки ин муассисаи таълимӣ дар шафати Госпитали марказии клиникии ҳарбӣ сохта шудааст. Президент бо шароити академия низ шинос гардид.

Академия барои 250 донишҷӯ ва шунаванда муқаррар гаштааст. Дар ин ҷо духтурони ҳарбӣ тарбия ёфта, бозомӯзии кадрҳои тиббӣ роҳандозӣ гаштаааст. Дар бинои таълимӣ 2 факулта, 5 кафедра, 2 марказ, донишкада ва маъмурият фаъолият доранд. Синфҳо бо тамоми шароит барои машғулоти назариявӣ ва амалӣ таъмин мебошад. Инчунин барои 186 ҷой хобгоҳ вуҷуд дорад.

Роҳбари давлат ба ҷанбаи мундариҷавии таълим дар академия эътибори алоҳида нигаронд.

– Бино ва шароит хуб, аммо ин аввали кор аст. Ҳоло муҳимаш он аст, ки маъно ва моҳияти тиббиёти ҳарбӣ фаҳмида шуда, таълим дуруст роҳандозӣ гардад. Барои ин низоми педагогӣ, илмиву амалӣ ба вуҷуд оварда шавад, ки ба таҷрибаи хоричӣ асос меёбад. Ин низом бояд алтернативӣ ва барои муассисаҳои таълими олии тиббии дигар рақиб бошад, хатмкунандагон дар соҳаи худ чун эталон бояд зоҳир гарданд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар бобати татбиқи менеҷменти хоричӣ дар академия, барои такмили малака ба чунин мамлакатҳо чун Туркия ва Куриёи Ҷанубӣ фиристодани хатмкунандагони аввал супоришҳо дода шуд.

**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**мухбирони ЎзА.**

## 14 январ – Рӯзи муҳофизони Ватан

# БИНОИ НАВИ КЛУБИ ТАЪЛИМӢ, ВАРЗИШӢ ВА ТЕХНИКӢ

**Клуби таълимӣ, варзишӣ ва техникии ноҳияи Рометан, ки дар тасарруфи ёвари дифои Ўзбекистон – Шӯрои вилояти бухорогии ташкилоти «Ватанпарвар» аст, Соли навро дар бинои нав пешвоз гирифт.**

Ин бинои сеошёна аз 14 дарсхона, 4 сексияи варзишӣ иборат буда, мувофиқи талаби замон ҷиҳозонида шудааст ва бобати дар рӯҳи ҳарбию ватандӯстӣ тарбия кардани ҷавонон, инчунин ба касб тайёр кардани онҳо аҳамияти ҷудогона дорад. Азбаски қулаиҳои замонавӣ фароҳам оварда шудааст, муддати машғулиятҳо низ дар ин ҷо ду баробар афзуд. Рӯзҳои наздик дар ин бино омӯзиши курсҳои «Расондани хидмати техникӣ ба воситаҳои нақлиёт» ва «Идоракунии техникаи мураккаб» ба роҳ монда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки ҷавонон ба бозори меҳнат бо касби дилхоҳи худ ворид гарданд.

# ҲИФЗИ ВАТАН ШАРАФ АСТ

**Имсол ба таъсис ёфтани Қуввоҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон 31 сол пур мешавад. Ба ҳамин муносибат ва бахшида ба Рӯзи муҳофизони Ватан дар қисмҳои ҳарбӣ, мактабҳои ватанпарварӣ як силсила чорабиниҳо доир мегарданд. Тадбирҳо маъмулан дар чаҳорчӯби «Моҳонаи ватанпарварӣ» ва таҳти шиори «Артиши миллии мо – сипари мустаҳками Ўзбекистони Нав» баргузор мешаванд.**

Аз ҷумла, чанде пеш дар гарнизони Округи ҳарбии марказии Ҷиззах таҳти шиори «Шаъну шараф ба модари аскар мегӯем!» вохӯрии сарбозони сурхонӣ, ки дар қисмҳои ҳарбии он хидмати аскариро ба ҷо меоранд, бо модаронашон ба вуқӯҳ пайваст. Меҳмонон бо шароити аскарфарзандони худ дар қисми ҳарбии Қӯрғони Олмачии шаҳри Ҷиззах шинос гардида, бо тарзи зист, хуфту хез ва обутобёбии онҳо аз наздик ошно шуданд. Аскарон даме дар паҳлуи модарони азизи худ нишаста, аз меҳри гарми онҳо бахраманд гардиданд.

Дар навбати худ як идда модарони ҷиззахӣ бо фарзандони азизи худ, ки айни ҳол дар қисмҳои ҳарбии Округи ҷанубӣ-ғарбии ҳудуди вилояти Сурхондарё хидмати аскариро шарафмандона адо мекунанд, ба таври онлайн мулоқот оростанд. Ба онҳо тани сиҳҳату хотири ҷамъ таманно намуданд.

Ғайр аз ин, дар Мактаби Президентии шаҳри Ҷиззах таҳти унвони «Командир ва ҷавонон» мулоқоти ҷавонон бо афсарони ҳарбӣ баргузор гардид. Афсарони ҳарбӣ ба ҷавонон дар бораи шарафи хидмати ҳарбӣ, вазифаи муқаддас будани ҳифзи Ватан бо мисолҳо ҳарф заданд, ба саволҳои аскарон ҷавоб доданд.

– Баланд бардоштани салоҳияту қудрати Қуввоҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон, мустаҳкам намудани пойгоҳи моддиву техникии он дар Муроҷиатномаи Сарвари давлат Шавкат Мирзиёев низ алоҳида таъкид шудааст, – мегӯяд директори мактаби «Темур издошлари»-и шаҳри Ҷиззах Ӯғилой Сиддиқова. – Бинобар ин дар мактаби мо ҳам барои дар оянда ба камол расонидани ҷавонони шуҷоъи ватандӯст таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Синфҳои мудофиа таъсис додаем. Порсол шогирдони мактаб дар миқёси ҷумҳурӣ аз рӯйи гӯштӣ ҷойи аввалро гирифтанд ва соҳиби Ҷоми Вазорати мудофиа шуданд. Дар ин мактаб беш аз 500 нафар наврасон таҳсил мекунанд.

Вақте дар бораи ҳимояи ин кишвари азиз андеша мекунем, аскари шуҷоъи ҳарбӣ бо ҷуссаи баҳодурона, бозуи пурзӯр, ки барояш ҳар зарра хоки Ватан муқаддас буда, бахри якпорчагии он омода аст тамоми ҳастии хешро нисор кунад, пеши назарамон намоён мегардад.

Мо аз ин рӯ, тамоми муҳофизони Ватан, хидматчиёни ҳарбии Қуввоҳои Мусаллаҳи ҷумҳуриро бо ҷашни касбӣ аз сидқи дил табрику муборакбод намуда, ба онҳо дар роҳи ҳифзи Ватан тани сиҳҳат, устуворию матонат таманно мекунем.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# МУЛОҚОТИ ЭҲОДӢ БО ҲАРБИЁН

**Дар қисми ҳарбии гарнизони Бухоро мулоқоти эҳодӣ таҳти унвони «Такягоҳи Ватан» ба амал омад. Ин тадбир ба муносибати 31-солагии созмонёбии Қуввоҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ ва Рӯзи муҳофизони Ватан баргузор гардид.**

Дар он роҳбари шуъбаи вилоятии Иттиҳоди нависандагон Шодмон Сулаймон, роҳбари шуъбаи вилоятии Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ Марҳабо Пардаева, муҳаррири Ширкати телевизион ва радиои вилоят, шоира Инобат Очилова, шоираҳои боистеъдоди ҷавон аз пойтахт Шоҳиста Исоқова, Малика Усмонова, Осиё Ҳошимова иштирок карданд.

Шодмон Сулаймон хидматчиёни ҳарбиро бо идашон муборакбод намуд. Баъд мушоира бо иштироки сарбозони эҳодкор дар китобхонаи қисми ҳарбӣ идома ёфт. Эҳодкорон дар охири чорабинӣ ба китобхонаи сарбозон маҷмӯи китобҳои бадеиро туҳфа карданд.

**Дар арафаи 31-солагии ташкилёбии Қуввоҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ ва Рӯзи муҳофизони Ватан қариб дусад нафар ҷавонони бухороӣ ба Омӯзишгоҳи олии ҳарбии авиатсияи Қаршӣ ташриф оварданд.**

# Дар меҳмонии Омӯзишгоҳи олии ҳарбии авиатсияи Қаршӣ

Онҳо дар тадбир таҳти унвони “Артиши миллиамон барои ҷавононамон мактаби ҳақиқии ҳаёт аст” иштирок намуда, бо ҷараёни таълиму тарбияи ҷавонон, дар машғулиятҳо истифодабарии технологияи педагогикаи муосир, ахбору коммуникатсия, тренажёрҳо, усулҳои моделкунонӣ ва симулятсия, маркази захираи ахбор, дарсхонаҳои “Амир Темур” ва “Ҷалолиддини Мангубердӣ”, шароити зисти курсантҳо ва музеи “Шаъну шараф” шинос шуданд. Барномаи консертии ҷамоаи оркестри ҷавонони ҳарбӣ оиди тараннуми Ватан ба ҳозирон писанд омад. Инчунин ба иштирокунандагони тадбир филму роликҳо дар бораи фаъолияти Қуввоҳои ҳарбии ҳавоӣ намоиш дода шуда, буклетҳо иньом гардид. Ҳамин тариқ ҷавонони бухороӣ аз Қаршӣ бо як олам таассурот баргаштанд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик” дар вилояти Бухоро.**

# «Ҳимояттари кишвари муқаддас ҳастам!»

**Ноҳияи Чуст яке аз ноҳияҳои бисёрмиллати вилояти Намангон буда, бо Қирғизистон ҳамсарҳад мебошад. Ба мақсади солимгардонии муҳити иҷтимоиву маънавиву маърифатӣ ва пурмазмун гузаронидани вақти холии ҷавонони номуташаккил дар доираи иҷрои панҷ ташаббуси муҳим дар ноҳия чорабиниҳои зиёд доир мегардад.**

Яке аз чунин чорабиниҳо дар мактаби таълими умумии рақами 31-ум бо намояндагони қисми ҳарбии сарҳадӣ, ки дар маҳаллаи Дамоболи ноҳия ҷойгузин аст, таҳти мавзӯи «Ҳимоятгари кишвари муқаддас ҳастам» баргузор шуд.

Дар вохӯрӣ командири взвод, капитан Одилҷон Шодиев, ҷонишин оид ба корҳои маънавиву тарбиявии роҳбар, капитан Иззатбек Кӯчқоров, аскарони қаторӣ Асадбек Нормаҳаматов ва Исмоил Раҳимов ба аҳли маҳалла ва мактаб дар бораи меҳанпарварӣ, садоқат ба Ватан ва фаъолияташон гуфтанд. Ба саволҳои ҷавононе, ки ба соҳаи ҳарб шавқи зиёд доранд, мувофиқи матлаб ҷавоб доданд.

Ҷавонон оиди Ватан ва осудаҳолӣ шеърҳо қироат карданд. Шеърҳои шоири чустӣ Абдулвосит Убайдуллоев низ дар ин мавзӯъ манзури иштирокдорон гардид.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
**Вилояти Намангон.**

## Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат

# ТАЪЛИМИ БОСИФАТ МАРОМИ МОСТ

**Литсейи ҳарбию академии “Темурбеклар мактаби”-и ноҳияи Шаҳрисабз марбути Вазорати вазъиятҳои фавқулода мебошад ва бинои боҳашами он дар шафати қасри қадимаи «Оқсарой»-и таърихӣ бунёд ёфтааст. Назар ба таърихнигораҳо замоне ин макон мавзеи буду боши соҳибқирон Амир Темур будааст. Дар зодгоҳи ин шахси таърихӣ ташкил шудани чунин як таълимгоҳ, ки барои мактабҳои олии кишвар шогирдони варзида омода месозад, маънои рамзӣ дорад.**

Директори литсейи ҳарбию академӣ Ҳусниддин Абдуқодиров гуфт, ки оянда неки Ўзбекистон ба ҷавонони ватанпарвар ва содиқ вобаста аст. “Темурбеклар мактаби” моҳи январи соли 2021 пас аз сохта ба истифода дода шудани бинои нави замонавӣ расман ифтитоҳ ёфт, аммо аз моҳи ноябри соли 2020 ба кори тадрис оғоз кардааст.

– Раҳбари давлат бо имзои чунин қарор ният дошт, ки ҷавонон дар рӯҳияи ватанпарварӣ тарбият ёбанд ва барои сохтори мудофиаи кишвар ва дигар ниҳодҳои низомии он захираи мутахассисони варзида омода гарданд, – гуфт зимни сӯҳбат директори литсей. – Ба ин мақсад соли сеюм аст, ки хонандагони мактабҳои ҷумҳурӣ пас аз хатми синфи нӯҳум дар асоси озмуни махсус ба шогирдии ин таълимгоҳ пазируфта мешаванд. Дар литсей ҳоло дар маҷмӯъ 250 нафар хонанда ба таҳсили илм машғуланд ва таълимгоҳ тибқи нақша имкон дорад, ки ҳар сол тадриси 150 нафар муҳассилони иқтидормандро фаро бигирад.

Дар ин маскани илм хонандагон ду сол таҳсил мегиранд ва пас барои идомаи хониш ба мактабҳои олии кишвар мераванд. Назар ба гуфтаи директор, шогирдонаш пас аз хатми мактаби мазкур агар ба донишгоҳҳои ҳарбии кишвар ҳуҷҷат супоранд, ба миқдори 30 дарсад соҳиби имтиёз мешаванд. Агар мактаби олии дигарро интихоб кунанд, 15 дарсад имтиёз ба даст меоранд. Ин аст, ки аз тамоми ҷумҳурӣ садҳо нафар хонанда ҳуҷҷат супоридаву орзу мекунанд, ки ин ҷо таълим бигиранд. Барои муҳассилон аз ҳисоби давлат ҷойи хоб, се навбат ғизо ва сару либос ройгон дода мешавад. Дар литсейи мазкур танҳо писарон таҳсил мегиранд ва ба тарбияи онҳо мутахассисон аз рӯи речаи махсус шуғл меварзанд. Хоса, ба тарбияи ҷисмонии ҷавонон эътибори алоҳида дода шуда, толорҳои гуногуни варзишии муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти замонавӣ амал мекунанд. Ҳамчунин кафедраҳои фанҳои дақиқу гуманитарӣ бо ҷиҳози таълими ҳозиразамон фароҳам гаштааст.

Ҳ. Абдуқодиров таъкид кард, ки устодони литсейро дар асоси озмун аз тамоми гӯшаи кишвар ҷамъ овардааанд. Айни ҳол 11 нафар муаллими тоифаи олӣ, 5 нафар тоифаи аввал, 4 нафар тоифаи дуюм ва 7 нафар омӯзгори соҳиби маълумоти олӣ ба хонандагон таълим медиҳанд. Дар байни онҳо чандин нафар соҳибони мукофотҳои давлатӣ, ба монанди «Фидоии таълими халқ» ва «Аълочии таълими халқ» низ ҳастанд.

Як нафар аз устодони ин даргоҳи илм Зиёдулло Кенҷаев гуфт, ки шогирдони литсейи мазкур фанҳои дақиқ, аз ҷумла математика, физика ва кимиёро ба таври амиқ меомӯзанд ва 65 дарсади таълимро дарсҳои амалӣ ташкил мекунанд.

Ҳарчанд ба ташкил шудани литсейи мазкур фурсати бисёре нагузаштааст, аммо дастовардҳои шогирдони он чашмрасанд. Ба қарибӣ байни литсейҳои ҳарбию академии “Темурбеклар мактаби” ва “Ёш чегарачилар” дар мавзӯи “Мо такягоҳи Ўзбекистони Нав” сабқати фаннӣ доир гардид, ки дар бахши ҷумҳуриявии он доир ба корҳои эҳодӣ аз “Темурбеклар мактаби” Рамзиддин Усмонқулов ҷойи сеюмро ишғол намуд. Дар номинатсияҳои “Даъват ба ҷасорат” ва “Барои ғояҳои парастиши субот”-и озмун Ҷаҳонгир Худойбердиев ва Ҷонмуҳаммад Аҳадов ғолиб дониста шуданд. Ҳ. Абдуқодиров аз муваффақиятҳои шогирдони худ болида гуфт, ки барои таълим ва тарбияи чунин хонандагон ҳиссаи устодони пешқадами таълимгоҳ хеле арзанда аст. Устоди фанни физика Ҳафиз Қаюмов дар ихтисоси худ кори илмиро ба поён расонида, ба унвони доктори улуми фалсафа (PhD) мушарраф шудааст. Боз 4 нафар муаллими литсей барои дарёфти дараҷаи илмии PhD тадқиқоти илмӣ мебаранд. Ҳ. Қодиров таъкид кард, ки соли 2023 Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат эълон гардид. Ин масъулият мо – омӯзгоронро водор месозад, ки ба таълим ва тарбияи ҷавонони ватанпарвар нерӯи дучандон сарф созем. Ояндаи дурахшони Ўзбекистони Нав маҳз ба насли хирадманд вобаста аст.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик” дар вилояти Қашқадарё.**

# САБАҚИ ЗИНДАГӢ

*(Очерк)*

Вай пойҳои дардманди худро рӯйи кӯрпача дароз кардаву пушт ба лӯлаболишт ниҳода, аз анвори саҳаргоҳии офтоб баҳра мебурд. Офтоб ба тани мӯйсафед роҳат мебахшид. Гӯё рутубати солҳо ҷамъшударо аз мағзи устухонҳояш оҳиста-оҳиста берун мекашид. Хоса ба пойҳои акнун дар ин синну сол хунукхӯри ӯ марҳам мегашт. Вай фикр мекард: дар пеш зимистони дарозе мунтазир, чун даррасид, чунин офтоби форамро дар хоби шаб ҳам намебинад. Шояд сардиҳои туфкуну яхкун ҳам шаванд. Боз Худо медонад, ки зимистонро паси сар кардаву дубора рӯйи гарми офтоби баҳорону тобистон ва мисли имрӯз ана ин тирамоҳи заррринро мебинад ё не... Ман ӯро дар ҳамин ҳолу авзоъ дида, оҳиста салом додам.

Устод Оллоҳқул Бобоқулов гӯё аз банди хаёлот раста нигоҳи чашмони тамоман хирааш ба чаҳор ҳадди айвони ҳошияаш дар асорати панҷараи чӯбӣ давид.

– Биё, шогирд, биё, – гуфт пас аз алейки салом хушҳолона, маро аз овоз шинохта.

Чун дидам, ки неруи сабзе ба тану ҷонаш давида, саросема талоши аз ҷой хестан мекунад, дарҳол пеш омадаву монеъ шудам, ки беҳуда ташвиш накашад, худро азият надиҳад. Аммо зонувонаш ларзида-ларзида аз ҷой хест ва хандакунон:

– Пирӣ пирию аммо... ҳусни эҳтиромро ҳанӯз касе манъ накардааст, – гуфт қаноатманд оғӯш кушода. Вай аз дидани ман хурсанд шуд ва гарм аҳвол пурсид.

Пас аз лаҳзае суҳбати мо тасфид.

Шаҳноза – келини хонадон, ки онсӯтар ангур мечид, то дар таҳхона овехта, чун ғизои зимистон маҳфуз доранд, зуд дасторхон паҳн кард. Баробари нону чой ва дигар анвои хӯрданӣ як лаълӣ ангури ҳусайнӣ ҳам рӯйи хон гузошт, ки ҳоло шамоли мизон хӯрда асалвор ширин шудааст. Аз он неъмат чашидам ва ба ҳарфҳои устод Оллоҳқул гӯш додам.

– Худованди карим ба дидани наваду як баҳори сол мушаррафам кард, – гуфт бо чеҳраи нуронӣ устод. – Дар ҳуҷҷатҳо мавлуди ман 15-уми январи соли 1932 сабт шудааст, ки дуруст нест. Чунки вақте синфи ҳашт ё нӯҳ мехондам, ба сафи комсомол дохил карданд ва ҳамон гоҳ шаҳодатномаи таваллуд навишта, санаи зодрӯзамро тахмин чунин сабт намуданд. Хайр, ин чандон муҳим нест, – хаёле даст афшонд вай. – Аммо ҳар сол фарзандон ва набераҳои баоқибат дар ҳамин рӯз аз барои муборакбодии ман ҷамъ меоянд. Якҷо хурсандӣ мекунем... Падарам, худо раҳматӣ Бобоқул ном дошт ва чӯпонӣ касби азалиаш буд. Модарамро Бибихол меномиданд ва ёд дорам, ки як зани пошикаставу худотарс буд ва боз аҷаб ширинсухане. Илоҳо, манзили охираташон обод бод, сад дареғ, ки ҳар ду ҷавон аз олам гузаштанд.

Устод аз ёди он азизонаш мутаассир шуд, ки як дам сукут варзид. Дар чеҳрааш сояи ғам падид омад ва базӯр дар лаб табассум гирифта, суроғи ҳамсараш рафт: – Агар Гуласал зинда мебуд, нишоти мани пир ин дам боз бештар мегашт. Афсус, ки вай зани беозору ҳамсафари умрам соли 2018-ум бандагӣ ба ҷой оварда ва маро дар гиру дори ҳаёти бешафқат танҳо гузошт. Илоҳо, ҷояш дар биҳишти анбарсиришт бошад! – даст ба рӯ кашид муаллим ва овозаш хаёле ларзид, чашмонаш нам гирифтанд. Оҳиста оби дидагонашро бо остин пок карда, андешаманд гуфт: – Акнун бори ғам вазнин, шогирд, тани танҳо таноби умр мекашам. Мард бемаҳрами тан азоби алим мекашидааст. Шукр, ки фарзандон, наберагон мудом дар хидматанд. Ба қавле, мехурдаам дар пешу нохӯрдаам дар қафо. Аммо... Гуласалам мебуд, ҳаёт рангу бӯйи дигар мегирифт.

Ҳар нафасро бо дуоҳо мегузаронам, то имони мо барин пиронро комилу умри ҷавононро дарозтар гардонад, дар рӯйи замин сулҳу суботро қоим созад.

– Хуб, шогирд, гап зан тилвизор чӣ мегӯяд? Ҷанги Укроин чӣ шуд? Дар ин қарибиҳо хотима меёбад ё не? Аҷаб замонаи ҳаринае шуд, – сахт таассуф хӯрд устод ва ҳарчанд намебинанд, нигоҳи чашмони бенурашро умедвор ба даҳони ман дӯхт ва гӯшу ҳуш гардид, ки чӣ суханони тозае аз лабони ман пар мекушоянд.

– Бале устод, замона ноором шуд. Аммо яқинан ақли солим музаффар хоҳад гашт, – гуфтам дар тасаллӣ.

– Эҳ, номи ҷангу ҷангчӯ гум бод! Замони кӯдакӣ ва наврасии ман ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ рост омад. Арсаи он ҷанги хунин аз сарзамини мо фарсаҳҳо дур бошад ҳам, ҳаёти моро чӣ қадар ба захр омехт, танҳо Худованд медонад, – аз рӯйи дасторхон пиёлаи чойро ҷуст, шояд як ҷуръа нӯшидаву гулӯ нам кардан мехост, то суханаш роиҷ берун ояд.

Зуд пиёларо ба дасташ қапондам. Вай ҷуръае нӯшида, пиёларо дар миёни кафҳои дастони шахшӯлаш нигаҳ дошт ва сараш хам мудате ғарқи андешаҳо гардид. Шояд аз ёди он замонаҳои ноором ба риққат омада, хотироти айёми мозиро варақгардон, симои инсонҳои азизро пеши чашмон меовард.

– Соли 1941 модарам Бибихол як тифл дар батн аз олам гузашт ва баъди як соли он мусибати муфоҷо падарам Бобоқул низ ба ҷавори Ҳақ пайваст. Он вақт ман ҳамагӣ даҳсола будам ва бо хоҳарам Ҳурзода ятим мондем. Мо ба хонаи амакам Худойқулбой омадем. Завҷаи он кас Норхолой мо – ятимакони бекасу кӯйро дар қатори ҷигарбандонашон ба воя расонд. Амакам ба ҷанги Гирмон рафта буд, ки баъдтар саломат баргашт. Қаҳтии сахте омада буд. Мардум ба як лаб нон зор буданд. Ба азоби гуруснагӣ тоқат накарда, хоҳаракам ҷон бохт. Мусибати азизонам маро сахт ранҷур карда буд, – боз овозаш ларзида, ноаён ашк рехт муаллим. – Худованд ҷойи янгаам Норхолро дар ҷаннат карда бошад, ӯ мисли як марди майдон дар саҳро кор мекард. Бо ду барзагов ҷуфт ронда, дар замини колхоз заҳмат мекашид ва аз гандуми тухмӣ, ки кишт менамуданд, ҳар рӯз як каф пинҳонӣ ҷон насибаи мо – ятимакон меовард. Ба ин тарз аҳли оиларо аз марги муфоҷо халос карда буд, раҳматӣ. Хайрият, амакам дар хона чанд сар бузу гӯсфанд дошт, ки бо фаро расидани баҳор ба чаро мебурдам ва баробари он ҷонваракон худам ҳам «мечаридам». Гиёҳҳои ба монанди ипору сақам, қаяму қоқу ва торонро чида, ба кафи даст соида фурӯ мебурдам. Бузу гӯсфандон аз алаф сер мешуданд ва ман аз он гиёҳҳои шифобахш. Ҳангоми бозгашт дар лӯнгие барои хонавода низ гиёҳ ҷамъ меовардам. Шояд фоидаи ҳамон гулу гиёҳи кӯҳӣ буд, ки минбаъд дар умри худ ба ягон беморӣ напечидам ва алҳамдуллоҳ ба дидани наваду як баҳори гулафшон мушарраф шудам. Хуллас, бегоҳӣ ҷонвараконро янгаам медӯшид ва аҳли оила боз аз ширу чурғоташ насиба мебардоштем. Ҳар рӯзи Худо кори ман ба ин тартиб идома меёфт. Баъд ҷанг хотима ёфта, рӯзгори мардум ҳам ба нишот пайваст, нашъаи нав гирифт, оҳиста-оҳиста хонаву хони халоикро вучуди нон музайян сохт. Дилу дидаҳо сер шуданд ва ғамҳо ба тадриҷ бо шодӣ ҷой иваз намуданд.

Устод Оллоҳқул Бобоқулов ҳаёти печидаи худро бо маромии хосе нақл кард, ки чун зиндагии аҳли башар гоҳ бо ғам ва гоҳе бо шодиҳо тавъам будааст. Вай соли 1950 мактаби ба номи Максим Горкийро, ки дар қади дарёчаи шӯхи доманаи деҳаи Пасурхии ноҳияи Бойсун воқеъ буд ва он солҳо бачаҳои чандин деҳаи музофот он ҷо таҳсил мекардааанд, хатм намуда, гоҳ пиёдаву гоҳе савора то шаҳри Душанбе мерасад, то хонданро дар ягон мактаби олӣ идома дода, соҳиби маълумот шавад.

Вай ба факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Тарас Шевченко ҳуҷҷат месупорад ва пас аз адои имтиҳонот зуд ба зодгоҳ бармегардад. Ибтидои соли хониш боз ба Душанбе меравад ва мефаҳмад, ки ӯро аз сабаби нарасидани донишомӯзон ба бахши ҷуғрофиё гузаронидаанд.

Аввал андаке мушавваш мегардад, вале ба ӯ маслиҳат медиҳад, ки ин илмро биомӯзад, зеро мактабҳо ба устодони фанни мазкур бештар ниёз доранд. Оллоҳқули ҷавон ду сол ҷуғрофия омӯхта, курси олии омӯзгориро дар ин даргоҳи илм ба поён мерасонад. Чун навбати гирифтани диплом мерасад, талаб пеш меоранд, ки мувофиқи қоида бояд ду сол дар мактабҳои Тоҷикистон дарс диҳад. Ӯро ба вилояти Кӯлоб мефиристанд. Раёсати маорифи халқии вилоят бошад, ӯро ба ноҳияи Колхозобод роҳӣ мекунад. Ҳамин тариқ муаллими ҷуғрофияи мактаби деҳаи Кадучӣ таъин мегардад. Дар ин мактаб, ки аз маркази ноҳия хеле дур буд, як сол кор мекунад. Ҳамчунин сардори гурӯҳи ҳаваскорони мактаб ва хоҷагӣ мешавад.

– Мактаб зиёда аз як гектар замини холӣ дошт, ки бинобар мавриди истифода қорор нагирифтанаш дар доми аҷириқу гуна-гуна рустаниҳо монда, хеле корношоям гашта буд. Бо директори мактаб маслиҳат карда, аз колхоз трактор пурсидем ва заминро аз алаф тоза намуда, ба кишт тайёр кардем, – ба хотир меоварад устод. – Ба як қисмаш ангур, ба қисмати дигараш гуна-гуна ниҳолҳои боровар нишонда, хонандагонро вобаста мекардем, ки дар парваришаш масъул бошанд. Аз қазо ниҳолакон бехато сабз гашта, он минбаъд ба боғи серҳосиле мубаддал шуд...

Соли 1953 Оллоҳқул ба рухсатӣ баромада азми зодгоҳ мекунад. Дар роҳ ӯро раиси колхоз Бобошоҳ ном марди солор, ки намояндаи мардумӣ дар шӯрои вилоят ҳам будааст, вохӯрда, шуҷоату кордонии ӯро ситоиш намуда, хоҳиш мекунад, ки кори худро дар мактаби Кадучӣ идома диҳад, инҷо бимонад, ҳатто ваъда медиҳад, ки ӯро дар ҳамин деҳа хонадор ва манзили зист низ муҳайё хоҳад кард.

– Ҳа, додойе! Агар дар ҳамон ҷо мондаву ба кадом як духтари маҳаллӣ хонадор мешудед, мо дар ин олам вуҷуд намедоштем-а! – бо завқ ба суҳбат ҳамроҳ шуд, писари хонадон Даврон, ки аз ҳавозаи ток сарҳои ангурро ҷудо мекард.

Устод бо табассуми зебо ба ҳазли писар чандон эътибор надода, дунболи нақли худ шуд. Ҳамин тавр Оллоҳқули омӯзгори ҷуғрофиё суханҳои Бобошоҳи раисро бо худ гирифта, рухсатиро дар зодгоҳ – деҳаи Бибиширин сипарӣ мекунад ва вақти бозгашт дар маркази ноҳия бо Абдулваҳҳоб Қосимов – сарвари кумитаи комсомолони Бойсун вомехӯрад, ки бо мудири раёсати маорифи халқи вилоят масъалаеро, баррасӣ дошт. Чун азми ҳамдеҳаашро мефаҳмад, рӯ ба мудир оварда: – Магар дар мактабҳои мо кадр лозим нест? – мегӯяд.

Бо нишондоди мудир Оллоҳқул аз он сафари дур даст кашида, ба Тирмиз меояд ва фаъолияти омӯзгориашро дар мактаби зодгоҳаш, ки худ таҳсил намуда буд, идома медиҳад. Соли 1954-1956 дар шаҳри Калинингради Русия хидмати ҳарбиро ба ҷо меорад ва боз ба шуғли худ камар мебандад. Дар ин миён ду сол дар мактаби деҳаи Даштигоз кор карда, дубора ба мактаби деҳаи Пасурхӣ бармегардад. Дар ин ҷо 18 сол машғули таълиму тадрис мешавад. Баъдтар се муаллим: Холиқ Бӯриев, Акрам Раҳмонов ва Оллоҳқул Бобоқулов ба ҳукумати давр арз мекунанд, ки дар деҳаи Бибиширин низ мактабе созанд. Пас аз як сол се донишчӯ – Равшан Эҳсонов, Иброҳим Бозоров ва Қодир Эшонқулов факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқандро хатм намуда, ба зодгоҳ бармегарданд. Раёсати таълими халқи ноҳия барои бо кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон зуд дар асоси арзи муаллимон дар деҳаи Бибиширин ба кушодани мактаби ҳаштсола иҷозат медиҳад.

Устод ёд меорад, ки бо саъйи роҳбари нав Холмат Авазов мактаб дахсола шуд. Оллоҳқул Бобоқулов то соли 1991 кор карда, ба нафақа мебарояд ва ҳоло дар гашти умр ёди он айём карда, ҳамкорони худро низ, ки аксар дар қайди ҳаёт нестанд, бо ифтихор ба забон меорад.

– Ҳоло мо, муаллимони собиқ, пиронсолон ба касе лозим нестем, – мегӯяд бо таассуф устод Бобоқулов. – Аввалҳо аз ҳоли мо аҳли мактаб ё раёсати таълими халқи ноҳия хабар мегирифт. Чандин сол аст, ки рӯзи муаллимонро бо тантанаи хос таҷлил мекунанд, аммо дар гӯшаи хаёли касе намеояд, ки мо ҳам як замон омӯзгор будем, барои таълиму тарбияи фарзандони халқ умри худро сарф намудем. Аҳаллан, як сари қадам омада ҳол пурсанд, дили мо – пиронсолон кӯҳ барин бардошта мешуд. Дар мактаб ҳама шогирдони худи мо. Аммо ин қадар бемеҳр шудаанд, ки... Ё боз кӣ медонад? Шояд ин зайли замона бошаду ба қасри меҳру муҳаббат ҳам завол омадааст,– ба дард оҳ мекашад устод.

Вай чандин моҳ аст, ки дар доми торикии махуфе мондааст, гӯё дар зулматсарое зиндагӣ дорад. Чашмони як вақтҳо биноаш ҳоло намебинанд. Шабу рӯз барояш тафовуте надорад. Фарзандон, набераву аберагонро аз овозашон шинохта, ба ҳар кадом алоҳида меҳр меварзад.

Устод соҳиби ҳашт фарзанд аст. Малоҳат, Муҳаббат, Сабоҳат, Давлат, Анора, Даврон, Санам ва Саида меваҳои умри ӯ буда, ҳар кадом ҳаёти мустақил доранд ва аз худ сабзидаву ба нишоти падар афзудаанд. Аз онҳо танҳо Сабоҳату Давлат касби падар омӯхтаанд, боқӣ дар раванди ҳаёти мураккаб аз паси пешаҳои мухталиф нон меҳӯранд...

Вай даст бардоштаву дуру дароз дуо мекунад, аз Худованди карим амонӣ меҳоҳад. Пас ларзон аз ҷой мехезад, то маро бо эҳтиромӣ тамом гусел намояд. Ба муқобилати ман эътиборе надода, ба пой рост мешавад. Аз дасташ медорам.

– Беташвиш бош, шогирд, – мегӯяд бо табассуми базеб. – Ман одат кардаам, медонам, ки то сари суфа чанд қадам роҳ аст, то зинаву хамгашти хона, то лаби дарвоза чӣ қадар... Одами зинда дар зулмат ҳам бояд зиндагии худро идома диҳад, – бадард механдад ӯ ва чинҳои ҷабинаш хонотар шуда, дубора ба рӯяш сояи ғам мефарояд.

– Мо баринҳо дар деҳа кам мондаем, хеле кам! Ба сони меваҳои пухта ҳастем, ки бо зӯри иродат дар ангуштони дарахти умр овезонем. Ё ба қавле, офтоби сари кӯҳем мо, шогирд, – қадре маҳзунона мегӯяд устод ва ҳарчанд чизеро намебинад, сар кашида, аз шонаи баланди дарахтони сафедор бехато ба ҷониби кӯҳи Фарҳод менигарад, ки виқораш аз азал ба мардуми кӯҳистон дарси ҳаёт, сабаҳи зиндагист...

**Шариф ХАЛИЛ,**
**журналист.**

Гӯшаи методӣ

# ХОНДАНИ ОСОРИ МАНЗУМ

Вақте сухан аз осори манзум меравад, бояд гуфт, ки хонандагон пеш аз ҳама дар бораи осори манзум ва тарзҳои хондани онҳо маълумоти ибтидоӣ доштанашон лозим аст.

Дар адабиёти таълимии мо навъу намудҳои хониш ба тарзи гуногун шарҳ дода шудаанд. Аслан, дар ин бора ягон асари мукаммал ҳанӯз навишта нашудааст. Танҳо Носирҷон Маъсумӣ ба дарси хониш ва навъҳои он – хониши бесадою овозӣ (овоздор) таваҷҷуф намуда, умумият ва фарқияти онҳоро баррасӣ намудааст. Вай тарзи хониши бесадоро хониши бошууронаи таҳлилӣ дониста, оиди баъзе хусусиятҳои он маълумот медиҳад. Аз ҷумла, ба фикри адабиётшинос хониши бесадо аз лиҳози суръат тезтар, алоҳамандиаш ба ҳаракатҳои ҷисмонӣ камтар, барои дарку фаҳмиши мазмуни матн мусоид, дар ёфтани калимаю ибора ва ҷумлаҳои зарурӣ созгор мебошад. Чиҳати илова ҳаминро ҳам бояд хотиррасон намоем, ки хониши бесадо як намуди хониши ифоданок ҳам ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, дар рафти он хонанда бояд ба сифату суръат ва паузаву талаффузи хониш, ба зеру бами овозу оҳанги ифода, ба пастиву баландии садо, ритми гӯйиш ва ба тартибу низом ва рабту меъёри он риоя кунад.

Дар хониши овозӣ бошад, хусусиятҳои ҷудогона мавҷуданд, ки ҳоло дар бораи чанде аз онҳо таваккуф менамоем. Ба гуфтаи адабиётшинос Носирҷон Маъсумӣ ин намуди хониш воситаи таълиму тарбиявии адабиёт буда, дар баробари мақсад ва вазифаҳояш хусусиятҳои зеринро бояд дошта бошад:

а) Калимаву ибора ва таъбиру ҷумлаҳо тибқи мазмун ва маъноишон бо оҳанги мусоид хонда шаванд;

б) Барои малакаву маҳорат пайдо кардани мактабиён машқҳои тезхонӣ ташкил карда шуда, ба дурустии суръату сифат ва талаффузу танаффуси ифода эътибор дода шавад:

в) Тезхонӣ асоси тезфаҳмӣ аст. Донишомӯзон бояд маводи хондаашонро зуд дарк намуда, батафсил нақл карда тавонанд.

г) Дар раванди хониш бояд ҳамаи хусусиятҳои мазмуну маъно ва сохту таркиби матн ба эътибор гирифта шавад.

Умуман, адабиётшиносон дар бораи тарзҳои хониш фикрҳои мухталиф баён намуданд, ки донистани онҳо барои хондани матнҳои манзум аҳамияти калон дорад. Масалан, М. Қозиҷонов хониши адабиро ба ду давр – машғулиятҳои муқаддимавӣ ва кор бо матн ҷудо менамояд. Вай пешниҳод мекунад, ки ин намудҳои хониш ҳангоми болои матн кор кардани мактабиён даст медиҳад. Ҳамин фикрро К. Станивлавский низ дар навиштаҳояш пешниҳод кардааст.

Назм навъи махсуси адабиёти бадеӣ буда, муҳимтарин воситаи тарбияи эстетикии мактабиён мебошад. Он ба сабаби вазну оҳангнокиаш ба ҳиссу шуури шунаванда тез таъсир карда, фаҳму идрокро ба ҷунбиш меорад. Ҳамин аст, ки муаллифони асарҳои илмию методӣ ба хусусиятҳои хониши ифодаиноки шеър диққати махсус додааанд.

Носирҷон Маъсумӣ дар асари худ "Усулҳои таълими адабиёт дар синфҳои 5-8" ифоданокии хониши асарҳои манзумро ба пухтаву пурра донисташавии вазну қофия ва радифу задаҳои шеърӣ, васлу фосилаи ҳиҷӣ ва таркибҳо ва талаффузи калимаҳои ташдиднок, паузаву танаффусҳо вобаста медонад. Дар ҳақиқат, ҳангоми қироати осори манзум бояд ҳамаи воситаҳои ифоданокӣ ба кор андохта шаванд, вагарна, аз маводи хондашаванда на хонишгар ва на сомеъ баҳра бардошта метавонанд.

Ба ақидаи муаллиф дар хониши ифоданоки шеър на дарозию кӯтоҳии мисраъҳо, балки вазн эътибор дорад. Дар назми классикию шуравии тоҷик ва фолклор вазнҳо бисёр буда, ҳар яке бо оҳанги махсус хонда мешаванд.

(Давомаш дар саҳ.4).

# ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ ЗЕБУННИСО

Ҳар як омӯзгор ҳангоми дарсдиҳӣ услуби ба худ хос дорад. Тарзи гузаштани дарси яксоата аз фанни адабиёти тоҷики синфи 8 бахшида ба ҳаёт ва эҷодиёти Зебуннисоро лозим донистем пешкаши омӯзгорон гардонем.

Омӯзгор чун анъана пас аз баргузории марҳилаҳои дарс: ташкили дарс, пурсидани вазифаи хонагӣ, мустаҳкамкунии мавзӯи гузашта ба баёни мавзӯи нав оғоз мекунад.

Адабиёти ғании форс-тоҷик дар таъриҳи худ номи чандин шоираҳоро, чун Мутрибаи Қушғарӣ, Робиаи Балхӣ, Маҳастии Хуҷандӣ, Дилшоди Барно ва дигарон дар ёд дорад. Яке аз онҳо Зебуннисо мебошад, ки бо тахаллуси Махфӣ низ шеърҳо гуфтааст. Зебуннисо шоираи бомаҳорати форс-тоҷик буда, соли 1639 дар Ҳинд дар хонаводаи шоҳ Аврангзеби Оламгир ба дунё омадааст. Падару модараш барои таҳсилу тарбияи Зебуннисо эътибори махсус додааанд. Ӯро аз хурдӣ ба тарбияи Ҳафиза Марям ном зани оқилаву фозила месупоранд. Зебуннисо аз ӯ адабиёту санъат, каломи бадеъ, арӯз, забони арабӣ ва Қуръонро меомӯзад. Санъати хаттотиро низ хеле хуб аз худ кардааст.

Шоира аз духтари шоҳ будани худ фахр намекард, илму донишро аз зебу зинати шоҳона боло мегузошт. Вай ҳусну ҷамоли зебо ва ақлу дониши расо дошта бошад ҳам, умри худро дар танҳоӣ гузаронидааст. Худи ӯ дар ин хусус чунин фармудааст:

Сад баҳор охир шуду ҳар гул ба
фарқе ҷо гирифт,
*Лолаи доғи дили мо зеби дасторе*
*нашуд.*
*Ҳар матоеро харидорест дар бозори*
*ҳусн,*
*Пир шуд Зебуннисо, ӯро харидоре*
*нашуд.*

Зебуннисо китобхонае ташкил карда, бо аҳли адаб суҳбатҳо меорост, адибонро пуштибонӣ мекард. Ҳатто бо Мирзо Бедил аз наздик шиносӣ доштаст.

Зебуннисо соли 1702 дар шаҳри Деҳлӣ вафот кардааст. Дар рӯйи санги мазори шоира ин байт сабт шудааст:

*Бар мазори мо, ғарибон, не чароғе,*
*не гуле,*
*Не пари парвона сӯзад, не садои*
*булбуле.*

Аз шоира як девони лирикӣ ба мо расидааст, ки қариб шомили 4 ҳазор байт аст. Ин девон 460 ғазал, якчанд қасидаю рубоӣ ва қитъаро дар бар мегирад. Асари "Зеби тафосир"-ро низ ба Зебуннисо нисбат медиҳанд.

Дар ғазалҳои шоира мавзӯъҳои шикоят аз замона ва аҳли ситам, тасвири аҳволи худ, фикрҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ, ишқу муҳаббат ва ғайра мавқеи калон дорад. Вай бо ғазаб изҳор доштаст, ки дар замонаи ӯ адлу инсоф намондааст:

*Халқе зи зулми бе ҳади гардун*
*хароб шуд,*
*Инсоф дар саволу забони ҷавоб ку?*

Шоира дар шеърҳояш аз золимон шикоят мекунад, ки онҳо бо зулми худ ба дили ӯ оташ зада, ҷони ӯро дар азоб мондааанд:

*Зулми ситампешагон зад ба дилам*
*оташе,*
*Мағзи суханро бисӯхт шӯълаи*
*сӯзони ӯ.*

Зебуннисо ғазалҳое дорад, ки дар онҳо аҳволи худро тасвир кардааст. Дар байти поёнӣ аз чашми ашкбор, ҷигари сӯхта, оҳи сӯзон доштани худ сухан ба миён меорад:

*Зи хуни дида зиндонро беҳ аз*
*рашки чаман дорам,*
*Зи доғи ғусса сад гулшан ба зери*
*пираҳан дорам.*

Дар байни ғазалҳои шоира ғазалҳое, ки ба мавзӯи тарғиби дӯстию рафоқат бахшида шудааанд, хеле зиёданд. Дар онҳо шоира мегӯяд, ки дӯст ба одам даркор аст ва агар касе дӯст надошта бошад, онро бояд ҷустуҷӯ кунад:

(Давомаш дар саҳ.4).

*Дар арафаи Соли нав барои донишҷӯёни Донишкадаи давлатии тиббии Андиҷон хобгоҳи дорои 400 ҷой ба истифода супурда шуд. Барои барпо намудани хобгоҳ ба соҳибкор аз буҷаи давлат 10,8 миллиард сӯм субсид ҷудо карда шуда, қариб 11 миллиард сӯм аз ҳисоби худи соҳибкор сарф гардид. Дар қабати якуми хобгоҳ сехҳои пазандагӣ, дӯзандагӣ ташкил гардид, фаъолияти фитнес-клуб ба роҳ монда шуд.*

**Дар сурат:** дар хобгоҳ.

**Суратгир:**
**З.УМУРЗОҚОВ (ЎзА).**

# Мактаби нав дар «Арбобҳоҷӣ»

**Бо шарофати ислоҳоти васеъмиқёси Сарвари давлат орзую умедҳои мардум рӯйи об мебарояд.**

Аҳолии деҳаҳои «Арбобҳоҷӣ» ва «Урганҷӣ»-и ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қарақалпоқ»-и ноҳияи Пешкӯро дар ҳудуд мавҷуд набудани мактаб ба ташвиш оварда буд. Фарзандони онҳо чор километр масофаро тай намуда, ба мактаби рақами 17-уми деҳаи ҳамсоя рафта, таълиму тарбия мегирифтанд. Ин мактаб низ солҳои 70-уми асри гузашта бунёд гардида, 500 нафар талабаро дар бар гирифта метавонист. Дар амал дар ин ҷо 900 нафар наврасон дар ду баст таълиму тарбия мегирифтанд. Баъди муроҷиати мардум мувофиқи Барномаи давлатии «Деҳаи обод» дар деҳаи «Арбобҳоҷӣ» сохтани бинои нави мактаби миёнаи замонавӣ ба нақша гирифта шуд.

Ҳамин тариқ, ду гектар майдони партавшудаи деҳа барои бунёди таълимгоҳи нав интихоб гардид. Бинокорони ҶММ «Вобкент махсус қурилиш сервис» бо роҳбарии Бахтиёр Аслонов моҳи апрел ба сохтмон оғоз карданд. Дар натиҷа бинои нави сеошёнаи мактаби миёнаи рақами 33-юм қимати лоиҳавиаш 14 миллиард сӯм буда, барои 520 нафар талаба пешбинӣ шудааст, табъи дил тайёр гардид. Гуфтан ҷоиз аст, ки ҳар як ошёнаи бино дорои зиёда аз бист дарсхонаю кабинетҳои фаннӣ, компутерхонаю корҳои лабораторӣ мебошад. Ба ғайр аз ин, китобхона бо се ҳазор нусха китобҳои дарсию бадеӣ, ошхона барои талабагони синфҳои 1-4 (дорои 120 ҷой), варзишгоҳи кушоду имкониятҳои дигар аз қабили машғулиятҳои берун аз синфӣ баҳри таълиму тарбияи замонавии наврасон қулаиҳо фароҳам оварда шудааст. Маросими кушодашавии мактаб ранги тантанавӣ гирифт. Дар он ҷонишини ҳокими вилоят, сардори садорати оила ва зануну духтарони вилоят Фирӯза Иброҳимова, ҳокими ноҳия Ваҳоб Қаҳҳоров ва дигарон ба сухан баромада, ҷамъомадагонро бо комёбии бузург муборакбод намуда, ба ҷамоаи таълимгоҳ барори кор орзу карданд. Бояд таъкид намуд, ки ҳоло дар ин ҷо 30 нафар омӯзгорон ва 16 нафар хидматчиён соҳиби касбу кор шудааанд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

**Аъзои маҳфили "Математикҳои ҷавон", ки мактаби "Баркамол авлод"-и вилоят дар мактаби рақами 60-уми шаҳри Самарқанд ташкил кардааст, барои пурсамар гузарондани таътили зимистонӣ таҳти роҳбарии муаллима Гулноза Аҳророва ба гӯшаҳои гуногуни шаҳр саёҳат карданд.**

# САЁҲАТ БА ОСОРХОНА

. Онҳо аз музейи Афросиёб ва мадрасаи Бибихонум дидан карданд. Осорхона дар паҳлӯи теппаҳои шаҳри бостонии Афросиёб ҷойгир мебошад. Дар осорхона нигораҳои асрҳои VII-VIII, ки ҷараёни шикор ва ҷашнҳоро инъикос кардааст, диққати ҷавононро ба худ ҷалб кард. Ин нигораҳо намунаи нодири санъати асри миёна ба ҳисоб мераванд. Осори музей таърихи шаҳри Самарқандро дар замони истилои Искандари Мақдунӣ равшан нишон медиҳад.

– Мо ҳангоми тамошои музей бо бозёфтҳое, ки дар ҷараёни тадқиқоти бостоншиносӣ дар Афросиёб ба даст оварда шудаанд ва ба давраи гуногуни таърихи шаҳр тааллуқ доранд, ошно шудем. Ба инҳо пораҳои шамшер, корд, тир, тангаҳои қадимӣ ва зарфҳои сафолӣ мисол шуда метавонанд, – гуфт Гулноза Аҳророва.

**Асал САРХАТЗОДА,**
**шаҳри Самарқанд.**

Дар ҳошияи Муроҷиатнома

# ЭЪТИБОР БА ИНСОН ВА СИФАТИ ТАЪЛИМ

**ё худ калиди эҳёи ҳуввияти миллӣ таъсиси кӯдакистон аст**

Инкишоф ва ташаккули инсон аз кӯдакистон оғоз меёбад. Дар равоншиносӣ низ таъкид мегардад, ки забони модарӣ воситаи муҳими ташаккулиёбии шахс мебошад. Роҳи беҳтарини эҳёи миллӣ, бешак, омӯзиш дар кӯдакистон мебошад.

Вақте ки кӯдак таҳсилро бо забони ғайр шурӯъ менамояд, ӯ аз сари нав бояд ҳамон забонро омӯзад ва дунёи нави дигарро дар худ ҷойгир кунад. Дар мисоли кӯдакони тоҷик, ки дар саросари ҷумҳуриамон зиндагӣ доранд, чунин ҳолат дақиқ ба назар мерасад.

Тафовут байни онҳое, ки аз овони кӯдакӣ маълумоти зеҳниро бо забони модарии худ мегиранд ва онҳое, ки тавассути забони ғайр мегиранд, дар омӯзиши дониш ва ҷамъ намудани маълумот фарқ мекунад.

Рӯзе яке аз равшанфикрони тоҷики муқими Тошканд чунин нақл кард:

«Набераи чаҳорсолаамро кӯдакистон мебурдам, ба кӯдакистон, ки наздик шудем, вай гуфт:

– Бибиҷон, ба боғча наздик шудем, дигар тоҷикӣ гап назанед.

Чунин суханҳои набераи чаҳорсола маро дар ҳайрат гузошт. Аз ӯ пурсидам:

– О, чаро?

– Дар боғча мо тоҷикӣ гап намезанем-ку, – гуфт хотирҷамъона кӯдак.

– Мо бо забони худ гап занем, магар айб аст?

– Не, не мана ба қаторашон ҳамроҳ намекунанд...»

Мисоли дигар, ин воқеа дар яке аз мактабҳои ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд ба амал омадааст. Омӯзгор хоҳиш менамояд, ки ҳар як талаба ҷумлае созад. Хонандае ба ҷойи ҷумлаи «Қишда қор ёғади» – «Зимистонда барф боради» навиштааст.

Чунин мисолҳоро бисёр овардан мумкин аст. Билохира чунин ҳолатҳо, бешак, ба ташаккулёбии дунёи маънавии кӯдак таъсири нохуб мерасонад.

Чунин ҳолатҳо ҳам хандаовар ва ҳам таассуфовар аст.

Аз ин ҷо бармеояд, ки забономӯзии кӯдак аз кӯдакистон шурӯъ мешавад.

Дар маҳалҳои тоҷикнишин барои эҳё намудани анъанаҳои миллӣ, фарҳангу забон, таъсиси кӯдакистонҳо бо забони модарӣ талаби имрӯза аст. Яке аз фаъолони Маркази милливу фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ дар суҳбате иброз дошт, ки кӯдакистонҳои тоҷикӣ кори онҳо нест!

Дуруст, аммо марказҳои милливу фарҳангӣ якҷоя бо ташкилоту муассисаҳое, ки фаъолияташон ба забони тоҷикӣ аст, падару модарон, фаъолони маҳалҳои тоҷикнишин корбарӣ намоянд, ба фикрам, мушкилиҳо ҳалли худро меёбанд.

Бо ташаббуси шуъбаи таълими халқи вилояти Тошканд ва саъю ҳаракати чанде аз равшанфикрон, аз ҷумла сокини шаҳри Ангрени вилоят Шӯҳрат Бобоҷонов дар шаҳри Ангрен кӯдакистон бо забони тоҷикӣ таъсис ёфт, ки сесаду шаш нафар кӯдаки тоҷик парвариш ва таҳсил мегиранд. Шӯҳрат Бобоҷонов мегӯяд, ки кӯдакистон аллакай самараи худро медиҳад. Ба ҳафт мактаби тоҷикии шаҳри Ангрен аз ин кӯдакистон булбулакони боғи донӣ ба мактабҳои тоҷикӣ қабул мешаванд.

Имрӯз сиёсати оқилонаи сарвари мамлакат баҳри эҳёи фарҳангу анъанаҳои миллӣ, таъриху забони миллатҳо, аз ҷумла тоҷикон хеле калон аст. Аз имконоте, ки имрӯз фароҳам аст, оқилона истифода бурдан мувофиқи мақсад мебошад.

**Салим ИНҶОМЗОДА.**
*Вилояти ТОШКАНД.*

# ХОНДАНИ ОСОРИ МАНЗУМ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ӯ дар мисоли асарҳои С. Айнӣ – “Марши ҳуррият”, П. Сулаймонӣ – “Марши пионерӣ”, М. Турсунзода – “Сайёҳи ҳинд” ва “Ҳасани аробакаш”, М. Миршакар – “Неъмат” ва дигарон намунаи шеърҳои кӯтоҳмисраъро оварда, таъкид мекунад, ки онҳо ба сабаби вазну ченакҳои гуногун доштанашон ҳар кадом ба оҳанги махсус хонда мешаванд.

Ин ҷо бамаврид аст, ки як нуктаи дигарро низ таъкид намоем. Ба сабаби он ки шаклҳои адабӣ гуногунанд ва ҳар кадом барои хондан санъати ҷудогонаро талаб мекунанд, бинобар ин зарур аст, ки омӯзгор дар вақти интихоби мавзӯъ барои шогирдони худ вазъи мусоид фароҳам оварад. Хониши ифоданок талаб мекунад, ки барои интихоби оҳанги хониш муаллим дар баробари дониши мукаммал бояд қобилияти матншиносӣ низ дошта бошад.

Дар вақти хондани осори манзум омӯзгор дар назди донишомӯзон бо риоя ба меъёр ва қоидаҳои хонишгарӣ маводи таълимиро озодона қироат карданаш лозим. Сипас, бояд хонандагонро водор созад, ки маводи таълимиро дар тақлиди ӯ қироат намоянд. Яъне вай метавонад, ки ҳамбастагии муаллим, талаба ва маводи таълимиро ба роҳ монад. Аз ҳамин нуқтаи назар методисти намоёни рус Л. Тодоров дар соҳаи хониши ифоданоки шеър се чиз – хониши ифоданоки муаллим, ба таври ифоданок хонда тавонистани талаба ва омӯзиши қоидаву қонунҳои хониши ифоданокро хеле муҳим мешуморад.

Яке аз роҳҳои муваффақ шудан ба ин усул таҳлили муштарак мебошад. Муаллим дар ҳар як лаҳзаи мусоиди дарс барои маъновӣ мазмун воситаҳои хушоҳангии шеърро маънидод карда, онро муассиру пурэҳсос мехонад ва хонандагонро низ мехононанд. Ин гуна роҳу равишҳо рафти таълимро шавқовар карда, дар талабагон системаи муайяни донишу маҳорат, малакаву одат, завқу салиқа ва қобилияту тавоноиро ба вуҷуд меоваранд. Дар мактабиён шавқи шеъразёдкунӣ худ аз худ ба вуҷуд намеояд. Маҳз кӯшишҳои босамари муаллим, ҷустуҷӯҳои пайдарпайи вай боис мегардад, ки дар хонанда шавқи омӯзиш ва хониш пайдо мешавад.

Тавре ки мебинем, хондани осори манзуму мансур яке аз муҳимтарин омили таълиму тарбия буда, дар ташаккули фикри талабагон низ нақши муҳим дорад. Яъне донишомӯзро зарурате пеш меояд, ки дар як вақт ҳам қироат кунад ва ҳам мазмуну маънои маводи хондашавандаро ҳазм намояд.

Ногуфта намонад, ки тарзи хондани осори манзум ба синну сол ва дарачаи қобилияту истеъдоди донишомӯзон вобаста аст. Яъне ин раванд бояд дар таҳияи дастурҳои методӣ ва барномаҳои омӯзишӣ аз ҷониби методистон ва мутахассисони соҳа ба эътибор гирифта шавад.

Ба ҷиҳати хулоса ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки тарзи дуруст ва дар асоси қоидаву меъёрҳо хондани осори манзум, барои ба қолиб даромадани сухани гӯяндагон, хонишгарон ва маданияти нутқ дар хонандагон имконият фароҳам меоварад.

**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА,**
**устоди ДДОЧ.**

# РӮЗНОМАВУ МАҶАЛЛА – ВОСИТАИ МУҲИМИ ДАРС

Барои самаранокии дарсҳои забону адабиёт рӯзномаву маҷалла чун асбоби аёнӣ нақши муҳим дорад. Бо вуҷуди он ки интернет хеле рушд кардааст, ба фикрронӣ ва навишти дурусти баъзе хонандагон таъсири манфӣ расонида истодааст. Сатҳи дониши маводҳои интернетӣ дар як поя нест. Ҳоҳо калимаҳоро дар шакли вайрон пешниҳод мекунанд. Ин тоифа ҳамон шаклҳои ғалатро дар хотир гирифта, истифода карда истодаанд. Мебоист, ки баробари саҳифаҳои интернет аз саҳифаҳои рӯзномаҳои “Овози тоҷик”, “Садои Сӯх”, «Овози Самарқанд” ё маҷаллаи “Дурдонаи Шарқ” фаровон истифода баранд. Чунки дар нашрияҳои чопӣ тарзи ҷумлаороӣ, мувофиқати мубтадову хабар, корбасти аломатҳои пунктуатсионӣ ва ғайра нисбатан дақиқтаранд.

Дар китоби дарсии забони тоҷикии синфи шашум мавзӯъҳои 37, 38, 39 ва 41 зери номҳои “Рӯзноманигори ҷавон”, “Рӯзноманигори соҳибтаҷриба”, “Жанрҳои рӯзноманигорӣ” ва “Сухандони хушгуфтор” барои омӯзиш ба хонанда пешниҳод шудаанд. Хубӣ дошт, ки барои мукаммал дарк кардани мавзӯъҳои номбурда, бояд рӯзномаҳои тоҷикии мамлакатамонро ба ҳар як донишомӯз шиносонем. Шояд ин ҷараёни дарс дар лавҳи хотири хонанда нақш бандад. Инчунин матнҳои рӯзномаву маҷаллаҳоро хондан ва ҷумлаҳои онро интихоб карда, таҳлил ва шарҳ додан низ муфид аст. Зеро баъзе хонандагон ба саволи “Рӯзномаҳои тоҷикии замони мо кадомҳоянд?” ҷавоб дода наметавонанд. Аз ин хотир мавзӯъҳоеро, ки ба услуб ва матбуот алоқамандӣ доранд, истифода кардан судманд мебошад. Масалан, барои кори лоиҳавие, ки дар саҳифаи 78-уми китоб пешниҳод шудаасту иҷрояш муҳим, бояд рӯзномаи “Овози тоҷик”-ро истифода кард. Шарти кори лоиҳавӣ чунин аст: Номҳои пешинаи рӯзномаи “Овози тоҷик”, сармуҳаррир ва рӯзноманигорон (журналистон)-и имрӯзаи онро бо ному насабашон нависед. Кори лоиҳавиро бо чанд роҳ гузаронидан мумкин.

Аз ҷумла, бо чунин усул: Номҳои пештараи рӯзномаи “Овози тоҷик”: 1. “Овози тоҷики камбағал” (1924), 2. “Овози тоҷик” (1924-1931), 3. “Ҳақиқати Ӯзбекистон” (1931-1940), 4. “Ӯзбекистони сурх” (1950-1964), 5. “Ҳақиқати Ӯзбекистон” (1964-1991), 6. “Овози тоҷик” аз соли 1991 то ҳол. Сипас, дар бораи сармуҳаррир ва ходимони рӯзномаҳои тоҷикии ҷумҳурӣ маълумоти муфассал дода мешавад.

Тавассути иҷрои нақшаи дар боло омада, хонандагон аз олами рӯзномаву маҷаллаҳо ва эҷодкорони он огоҳ мешаванд. Дар натиҷа эътиборашон ба касб ё забони модарӣ афзун мегардад.

Хусусияти рӯзномаву маҷаллаҳо ва олами интернетро ҳар як омӯзгор эҷодкорона тартиб доданаш мумкин. Ҳамин тавр дар раванди дарс чанд хусусияти матбуоти чопӣ ва интернетро муқоиса карда, ҷиҳатҳои мақбулашро интихоб кунем, дониши забонии хонандагон боз сайқал меёбад. Олами интернет ҳам аз баъзе ҷиҳатҳо устуворӣ дорад, ки лоиқи таҳсин аст. Хонанда бояд огоҳона ба интернет ворид шавад. Дар акси ҳол тафаккурро тавассути сайтҳои нолозим захролуд карданаш мумкин. Бояд бигӯем, алҳол нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагон хуб нест. Соатҳои дарси забони модарӣ барои донишомӯзон аз баҳр қатрае менамояд, ки бештари онҳо вақти худро ба шабакаҳои интернет бахшидаанд. Агар хонандагон баробари шабакаҳои интернет саҳифаҳои расмии рӯзномаву маҷаллаҳоро низ мутолиа мекарданд, нутқи хаттӣ ва шифоҳиашон низ беҳтар мешуд.

**Ҳотамалӣ РАҲМАТОВ,**
**муаллими тоифаи олии мактаби рақами 11-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**

# Озмуни омӯзгорон

**Ба қарибӣ марҳилаи ҷумҳуриявии “Озмуни омӯзгорон”, ки Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ созмон додааст, ба амал омад.**

Дар он 168 нафар омӯзгорони фанҳои математика, физика, химиё ва биология иштирок карданд. 5 нафар омӯзгорони бухороӣ низ дар ин озмун аз сафи ғолибон ҷой гирифтанд. Муаллими фанни биологияи мактаби ихтисосонидашудаи давлатии таълими умумии рақами 35-уми шаҳри Бухоро Мирҷалол Аҳмадов ва омӯзгори химиёи ҳамин мактаб Амин Саидов соҳиби ҷои якум, устоди фанни математикаи мактаби рақами 10-уми ноҳияи Олот Дониёр Ҳамроев сазовори ҷои дуюм, омӯзгори фанни биологияи мактаби миёнаи рақами 1-уми ноҳияи Ҷондор Садоқат Қӯчқорова, инчунин муаллими фанни физикаи мактаби рақами 6-уми ноҳияи Қарокӯл Саидҷон Ҳамроқулов соҳибони ҷои сеюм шуданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик” дар вилояти Бухоро.**

Дар ноҳияи Наманган вилояти Наманган боз як даргоҳи замонавии таълим – мактаби ихтисосонидашудаи назди агентии муассисаҳои таълими Президент ба истифода супурда шуд.

Муассисаи таълими мазкур дорои 576 ҷой буда, ба фанҳои аниқ ихтисосонида шуда, 47 синфхона, инчунин хонаҳои маънавият, физика, химиё, биология, лаборатория, китобхона, толори варзиш, ошхона, хонаи тиб дар ихтиёри хонандагон мебошад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар вилояти Наманган барои барпо намудани мактабҳои Президент аз ҳисоби буҷет 110 миллиард сӯм сарф гардида, дар ҳамаи минтақаҳои вилоят мактабҳои ихтисосонидашуда кушода шудаанд.

**Суратгир:**
**Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ҲзА).**

Ахлоқ

# КУ МЕҲР, КУ ОҚИБАТ?

Солҳои охир на танҳо кӯчаҳои шаҳр, балки дар кӯчаҳои тангу тори деҳаҳо низ тирбандии автомобилҳо ба назар мерасад. Ин ҳолат ба ҳаракати пиёдагардҳо мушкилиҳо ба миён меорад. Дар яке аз кӯчаҳои серҳаракат пиразане аз кӯча гузаштан мехост, аммо тирбандии автомобилҳоро дида, дар миёни кӯча истод. Аз ду тарафаш мошинҳо ғиз-ғиз мегузаштанд ва пиразан аз тарс чӣ кор карданашро намедонист. Ба ӯ ҳеч кас аҳамият намедод, баъзе ронандаҳои ҷавон кимчиҳо гуфта дод мезаданд. Ҳамин лаҳза пиёдагарди миёнасоле, ки аз роҳ гузаштанӣ буд, аз дасти пиразан дошта, ба ронандагон бо ишораи «нигоҳ дор» даст боло намуд ва пиразанро ба канори муқобили роҳ гузаронд. Пиразан ба ӯ миннатдорӣ изҳор намуда, даст ба дуо бардошт.

Дар ҳамин ҷо саволе ба миён меояд. Миёни одамон, бахусус ҷавонон канӣ меҳр, канӣ оқибат? Дар ин ҳолатҳо бисёртар ҷавононро айбдор меҳисобем, ҳол он ки бо роҳи дуруст тарбия намудани онҳо, роҳнамоӣ ба корҳои хайр, фаҳмондани арзишҳои милливу урфу одат, ҳифзи мероси гузаштагон вазифаи ҳар як пири пурдида ба шумор меравад. Дар ҳамин ҷо ба духтару писароне, ки ба чунин ҳолатҳо бепарво муносибат намуда, қоидаи роҳро вайрон карда, аз роҳ мегузаштанд ё ин ки ба ронандагоне, ки ба пиразан овоз баланд карда буданд, танбеҳ додан лозим аст. Мутаассифона, ибораҳои “ман ба ту намерасам, ту ба ман нарас” дар шуурамон сахт ҷойгир шудааст. Гуфтаҳои бузургон: “Ба як бача ҳафт маҳалла падару модар”, ба қавле, имрӯзҳо фаромӯш шудааст. Баръакс, ҳамкории оила, маҳалла, мактабро бояд пурзӯр намуда, ба корҳои маънавию маърифатӣ байни ҷавонон бештар таваҷҷуҳ намоем. Ҳамон вақт ба ҷустани меҳру оқибат ҳоҷат намемонад.

**Ш. ДАМИНОВА,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

Хонед, аҷиб!

## Китобхонӣ ба кори майнаи сар такон медиҳад

Таҳқиқотҳо нишон додаанд, ки мутолиа организми инсонро аз пиршавии бармаҳал нигоҳ медорад. Исбот шудааст, ки вақте майнаи сар камфаъол аст, организм тез пир мешавад. Танҳо мутолиа фаъолияти майнаи сарро такон медиҳад, ки намунаҳои зерин гувоҳи ин гуфтаҳоянд:

Императори фаронсавӣ Наполеон дар як дақиқа 2000 калима мехонд.

Нависанда Оноре де-Балзак дар 30 дақиқа 200 саҳифа мутолиа намудааст.

Нависанда Максим Горкий дар як дақиқа 4000 калима мехондааст.

## Таълимгоҳ – дар ғор

Музофоти Гуйчжоуи Чин яке аз музофотҳои нодортарини кишвар буда, дар он ҷо сокинон аксар вақт ғизои дурust намехӯранд ва ҳатто наметавонанд, ки ба худ пойафзори изофӣ харанд. Ба ин нигоҳ накарда, сокинони музофот тавонистанд, ки ба фарзандони худ таълимгоҳе бунёд намоянд.

Маблағе, ки аз ҷониби давлат ба Гуйчжоу ҷудо мегардид, ҳатто барои бунёди бинои муқаррарӣ кифоя намекард. Аз ин рӯ, бошандагони музофот тасмим гирифтанд, ки барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ муассисаи таълимӣ созанд. Онҳо ғореро ба сифати бинои таълимгоҳ интихоб намуда, дар он шароити таълимро фароҳам оварданд ва ин мактаб аз соли 1984 то соли 2011 фаъолият кард. Дар таълимгоҳ 8 омӯзгор фаъолият карда, дар 27 сол ба садҳо кӯдакон таълим додаанд. Имрӯз таълимгоҳи даруни ғор баста шуда бошад ҳам, дар ин ҷо то ҳол мактабе, ки бо ҳама шароит мучаҳҳаз бошад, бунёд нагардидааст.

**Таҳияи Далер АЗИЗОВ.**

# ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ ЗЕБУННИСО

(Аввалаш дар саҳ.3).

*Нест меҳробе диламро ҷуз хами абрӯйи дӯст,*
*Ҳар касеро қибла бошад, қиблаи мо рӯйи дӯст.*
*Матлаби дигар надорам з-омаду шуд дар чаман,*
*Мекунам умри гиромӣ сарфи ҷустуҷӯйи дӯст...*

Зебуннисо дар ғазалсароӣ истеъдоду маҳорати баланд доштааст. Аз ин рӯ ғазалҳояш дар ҳамаи давру замонҳо аз дили хонандагонаш чуқур маъво гирифтаанд. Шоира ҳам ба мазмун ва ҳам ба шакли ғазал аҳамияти ҷиддӣ додааст. Вай шаклу мазмуни шеърро чун ҷону тан меҳисобад:

*Шеър бувад ҳамчу тан, маънии ӯ – ҷони ӯ,*
*Гармии бозорро равнақи дӯкони ӯ...*

Шеърҳои ӯро бино бар равонию хушоҳангиаш ҳофизон сурудаанд.

Аз ашъори шоира намунаҳо хонда мешавад:

*Булбул аз гул бигзарад, гар дар чаман бинад маро,*
*Бутпарастӣ кай кунад, гар барҳаман бинад маро.*

***

*Эй булбули хушилҳон, махрӯшу дам фурӯ каш,*
*Табъи латифи султон тоби сухан надорад.*

***

*Гар сари осудагӣ дорӣ, ба ғам ҳамхона бош,*
*Аз тариқи офият маҷнунсифат бегона бош!*

***

*То боди саборо ба гулистон гузаре ҳаст,*
*Гулро назаре ҷониби соҳибназаре ҳаст.*

Баъд аз ин зинаи мустаҳкамкунии мавзӯи нав ва саволу ҷавоб оғоз меёбад.

1. Шоира соли 1638 дар Ҳинд таваллуд шудааст.

Оё ин дуруст аст?

а) дурust

б) нодурust.

2. Падараш Аврангзеб ва модараш Дилрасбону ном доштанд.

а) дурust

б) нодурust.

3. Девони лирикии шоира қариб 4 ҳазор байтро дар бар мегирад.

а) дурust

б) нодурust.

4. Соли 1702 дар Ҳирот вафот кардааст.

а) дурust

б) нодурust

5. Асари “Зеби тафосир” ба Зебуннисо тааллуқ надорад.

а) дурust

б) нодурust

Доир ба калимаҳои нофаҳмои ғазалҳои шоира луғат тартиб дода мешавад. Ба монанди:

хушилҳон – хушовоз, хушлаҳн – овози форам;

тафосир – тафсирҳо, шарҳу эзоҳ;

дастор – салла;

пираҳан – либос, пӯшок;

ситампешагон – золимон;

фақр – фақирӣ, камбағалӣ...

Пас аз саволу ҷавоб вазифаи хонагӣ супурда мешавад:

а) азхуд кардани ҳаёт ва фаъолияти Зебуннисо;

б) аз ашъори шоира ғазалҳо азёд кардан;

в) шарҳ додани луғатҳо.

**Эркиной СУЛТОНОВА,**
**муаллимаи забон ва адабиёти тоҷики мактаби рақами 2-юми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-125. Адади нашр 353 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.